МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ИНСТИТУТИ МАСОИЛИ АМНИЯТИ БИОЛОГӢ ВА БИОТЕХНОЛОГИЯ» АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
734067, ш.Душанбе, Гипрозем 61 тел. 378842479 e-mail: baytor@mail.ru

№ 115 аз «25» 06 с. 2026

«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти масоили
амнияти биологӣ ва
биотехнологияи АИКТ, д.и.в.
Абдуллоев А.О.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба рисолаи илмии Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6Д КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисос.

Мавзуъ ва матни диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович соҳаи илмии тадқиқот ба бандҳои 3.7 - ҷараёни эпизоотикӣ, масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии эпизоотологияи бемориҳои сироятӣ, бемориҳои нави сироятии ҳайвонот, бемориҳои умумие, ки ба одамон ва ҳайвонот мансубанд, усули тадқиқоти эпизоотологӣ, эпизоотологияи таҳлилӣ ва 3.8 - мониторинги эпизоотологӣ ва назорат, манбаи табии бемориҳои сироятии ҳайвонот, сироятҳои трансмиссивии ҳайвонҳо бо этиологияи гуногун, роҳҳо ва воситаҳои назорати паҳнкунандагони бемориҳои сироятӣ, татбиқи корҳои зиддиэпизоотӣ ва пешгирикунанда, чорабиниҳои умумӣ ва махсус барои мубориза бурдан, пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳои сироятии ҳайвонот, ҷанбаъҳои давлатӣ ва байналмилалии эпизоотологии Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 4.3.2.Микробиологияи ветеринарӣ

(вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад.

2. Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Бемории сил (туберкулёз) яке аз проблемаҳои ҷиддитарини иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, кайҳо боз аҳли башарро сахт ба ташвиш овардааст.

Проблемаҳои эпидемиологӣ ва эпизоотологии ин бемориро танҳо бо роҳи ба амал баровардани маҷмӯи чорабиниҳои тиббӣ ва ветеринарӣ комилан ҳал кардан мумкин аст, яъне ҳамкории зичи олимони соҳаи тандурустӣ ва ветеринарӣ метавонанд садди роҳи паҳншавии ин беморӣ гардад.

Дар шароити нави хоҷагидорӣ, гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва сол аз сол кам шудани чорвои ҷамъиятӣ, зиёд гаштани чорвои шахсӣ дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва инфиродӣ, чорвои шахсии одамон, яке аз проблемаҳои муҳим, ин омӯзиши хусусиятҳои хоси ташхиси саривақтӣ ва гузаронидани корҳои пешгирӣ оид ба нест кардани бемории сил дар хоҷагиҳои шахсӣ ва наздиҳавлигии шаҳрвандон ба шумор меравад.

Бемории сил аз ҷиҳати паҳноӣ бемории хавфнок буда, дар тамоми ҷаҳон вомехӯрад ва дар қатори миллионҳо сар чорво одамони зиёде ба ин беморӣ гирифтор мегарданд. Бемории сил дар байни бемориҳои сирояткунанда яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад.

Дар вақтҳои охир маъсалаи бо ном аксуламалҳои ғайрихос пеш мебарояд, ки ба туберкулин чорвои калони шохдори хоҷагиҳои аз бемории туберкулёз мусоид вокуниш нишон медиҳанд. Дар ин маврид ба хоҷагӣ зиёни иқтисодии зиёд расонда мешавад, ки дар забҳи беасоси пешакии чорвои солими маҳсулнок, маҳдуд намудани фурӯши ширу гӯшт ва пурра нагардидани саршумори чорво дар фермаҳо ифода меёбад.

Омӯзиш ва муқаррар намудани сабабҳои ҷудо гардидани ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондиҳанда дар хоҷагиҳо, ноҳияҳо ё минтақаҳои алоҳида нисбат ба бемории сил мусоиди чорвои калони шохдор, ҷустуҷӯйи роҳу воситаҳои паст намудани ҳассосгардии ҳайвонот нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ барои мутахассисони тибби ветеринарӣ нисбатан муҳим арзёбӣ мегардад.

Бештари микобактерияҳои ғайрисилӣ барои ҳайвоноти кишоварзӣ иллатзо нестанд, ҳангоми роҳ ёфтани баъзе аз онҳо ба организми ҳайвонот онро нисбат ба туберкулин ҳассос мегардонанд.

Ба ғайр аз ин, дар солҳои охир дар аксарият хоҷагиҳои оид ба бемории сил мусоид аксуламалҳои пара ва псевдоаллергӣ масъалаи тезу тунд гаштаанд, ки дар натиҷаи дар подаҳои чорвои калони шохдор дар гардиш будани ба ном микобактерияҳои ғайрисилӣ ва дигар иллатзоҳо, ки боиси аксуламали аллергӣ нисбат СХТ-туберкулин мегарданд, ба миён омадаанд. Ин аксуламалҳо дар бештари мавридҳо хусусияти оммавӣ мегиранд ва ба забҳи пеш аз муҳлати чорвои солиму сермаҳсул мусоидат намуда, боиси зиёни зиёди моддӣ мегардад, ки дар бештари

мавридҳо даҳ маротиба аз бемории сил мегузарад. Аксуламалҳои парааллергетикиро оид ба туберкулин бештар дар ҳайвоноти бо микобактерияҳои ғайрисилӣ ҳассосгардида ба қайд гирифтаанд

Барои ҳамин ин тадқиқот ба ҳалли мушкилоти амалии ташхис равона шудааст, на танҳо барои илми ветеринарӣ, балки барои ҳифзи саломатии аҳолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти махсус дорад.

3. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои илмӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.

Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар рисола ба маҷмӯи васеъи тадқиқоти эпизоотологӣ, озмоишгоҳию саҳроӣ ва таҳлили макаммали маълумоти таҷрибавӣ такя мекунанд.

Таҳлили натиҷаи ташхиси беморӣ нишон дод, ки гоҳе дар хоҷагиҳои оид ба бемории сил мусоид ҳангоми ташхиси нақшавии бодигармӣ чорво ба СХТ-туберкулин аксуламали мусбат медиҳад. Аммо ҳангоми азназаргузаронии чорвои забҳгардида нишонаҳои ба беморӣ хос мушоҳида нагардида, ҳамчунин ҳангоми тадқиқоти озмоишгоҳӣ (заррабинии молишакҳо ва усули бактериологӣ) бемории сил ва мавҷудияти барангезандаи ба он хос , тасдиқ карда намешавад.

Ҳангоми муайян намудан аз се хайлҳои санҷидашудаи микобактерияҳои ғайрисилӣ: M. phlei, M. smegmatis ва M. fortuitum қобилияти сенсибилизатсиякунии организми гӯсолаҳоро дошта, метавонанд дар онҳо боиси аксуламалҳои мусбати аллергӣ нисбат ба аллергени комплексии микобактерияҳои ғайрисилии АММҒ гарданд. Ҳамчунин истифодаи пробиотики Лаксубтил ва Субтилбен имконият медиҳад, ки аксуламалҳои ғайрихоси аллергиро нисбат ба туберкулин аз байн барад.

Натиҷаҳои бадастомада дар ҷаласаҳои шуроҳои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур муҳокима ва баҳои мусбат гирифта, якчанд пешниҳодҳои зерини амалӣ барои такмили низоми ташхис ва назорати сил дар чорвои калони шохдор пешниҳод гардидаанд.

1.«Тавсияҳои методӣ оид ба ташхиси патологоанатомии туберкулёзи чорвои калони шохдор», ки аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати ветеринарии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми июни соли 2017 ба тасдиқ расонида шудааст.

2. «Дастури методӣ оид ба гузаронидани санҷиши аллергении якваҳта бо истифодаи маводди ташхисии туберкулин барои ширхӯрон ва аллерген аз маҷмӯи микобактерияҳои ғайрихос (ММҒ) ҳангоми ташхиси бемории сил» ки аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати ветеринарии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми январӣ соли 2016 ба тасдиқ расонида шудааст.

3. Қарори мусбат оид ба гирифтани патент дар мавзуи «Тарзи ташхиси фаврии сили чорвои калони шохдор», аз 13 августи соли 2025

4. Дар хоҷагиҳои шартан мусоид, ки дар онҳо сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои ғайрисилӣ муқаррар карда шудааст,

гузаронидани санҷиши симултанӣ бо СХТ -туберкулини барои ширхӯрон ва АММҒ тасия карда мешавад.

5. Бо мақсади пахш намудани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ истифодаи пробиотики лаксубтил, ки аз ҳайлҳои BS TJ D24 ва B5 TJ D26 таркиб ёфтааст, тавсия карда мешавад.

6. Тадқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад, ки натиҷаҳои ба дастовардашудаи илмӣ ба таври васеъ дар фаъолияти мутахассисони тибби байторӣ, муҳаққиқони соҳа ва омӯзгорон мавриди истифода қарор гирад ва ба хотири баланд бардоштани савияи касбии мутахассисони оянда ба барномаҳои таълимии фаннӣ барои донишҷӯён, магистрҳо ва аспирантҳои соҳаи байторӣ ворид карда шавад.

4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда

Бо мақсади баланд бардоштани эътимоднокии натиҷаҳо ҳассосияти як қатор усулҳои ташхисӣ, аз ҷумла санҷиши дохилипӯстии СХТ-тубаркулин ва муаян намудани аксуламалҳои АММҒ санҷида шуд. Усулҳои муқоисавӣ ва таҳлили натиҷаҳо дар хоҷагиҳои инфиродии минтақаҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳрии Тоҷикистон, самараи воқеии онҳо дар муайян кардани чорвои мутаасиргаштаро нишон доданд.

Масоили зоҳиршавии микобактериозҳо дар хоҷагиҳои мусоид таҳлил ва пешниҳод шудааст. Самаранокии ташхисии санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифода аз СХТ- туберкулин барои ширхӯрон ва бо АММҒ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи тадқиқоти озмоишгоҳии гузаронидашуда таркиб ва ҳайати намудии микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки дар шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳрии Тоҷикистон паҳн шудаанд, муқаррар карда шудааст.

Самараи таъсирнокӣ ва фаъолнокии бактериостатӣ ва бактериосидии ҳайлҳои Bacillus subtilis нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ омӯхта, муайян карда шудааст.

Дар шароитҳои озмоишгоҳи ва истеҳсолӣ хусусиятҳои ҳассосгардонандаи (сенсабиликунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ: M. phlei, M. smegmatis, M. fortuitum омӯхта шудааст.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Натиҷаҳои диссертатсия дар таҳқиқи бемории сил дар чорвои калони шохдор ва алоқамандии он ба саломатии инсон аҳаммияти назаррас доранд ва метавонанд ба соҳаҳои гуногуни илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири мусбат расонанд.

Микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки ҳассосиятро дар ЧКШ нисбат ба СХТ-туберкулин ба миён меоранд, ҳамчунин ба инкишофёбии микроорганизмҳои иллатзо дар ҳайвонот мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки дар этиологияи аксуламалҳои аллергӣ дар мавриди истифодаи СХТ-туберкулин дар ЧКШ M. tuberculosisi avium ва M. paratuberculosis нақши муҳим мебозанд. Бояд қайд кард, ки микобактерияҳои ғайрисилӣ ва

сапрофитҳо ҳамчунин сабаби сенсибилишавии чорвои калони шохдор нисбат ба туберкулин ва ба миён омадани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ ба шумор мераванд.

Бояд қайд кард, ки норасоии усули ташхиси аллергии бемории сил ба миён омадани аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ нисбат ба туберкулин дар ҳайвоноти солим маҳсуб мегардад. Чунин аксуламалҳо соҳиби омилҳои гуногуни этиологӣ мебошанд ва дар мавриди забҳи ҳайвоноти ба тариқи мусбӣ вокунишнишондиҳанда ба миён омадани аксуламалҳои нави ғайрихос қатъ намегардад, ки ин барои ташхиси бемории сил масъалаи ҷиддии басанда мегардад.

Натиҷаҳои бадастомада имконият медиҳанд, ки усулҳои ташхиси бемории силро дар чорвои калони шохдор такмил диҳанд, санҷиши фаврии симултании туберкулинӣ бо истифода аз СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ амалӣ карда шавад, муқоисаи самаранокии усулҳои ташхисӣ барои муайян кардани ҳайвоноти сироятёфта ба микобактерияҳои хос ва ғайрисилӣ ба роҳ монда шавад, инчунин нақшабандӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар хоҷагиҳои фермерӣва инфиродӣ ба эътибори илмӣ ва амалӣ асос ёбад.

Барои роҳ надодани зиёни иқтисодӣ ва талафёбии говҳои сермаҳсул, ки дар мавриди аксуламалҳои аллергӣ муқаррар карда мешавад ва гирифтани натиҷаҳои мусбат таҳияи усулҳои маҷмӯии ташхис ва омӯзиши сабабҳои аксуламалҳои ғайрихоси ЧКШ ҳангоми туберкулинкунӣ ногузир аст.

Мақсади тадқиқоти мо аз омӯзиши усулҳои гуногуни ташхиси бемории сил, ҳамчунин муқаррар намудани табиати аксуламалҳои ғайрихоси аллергии ҳайвоноти солим, зоҳир намудани хусусиятҳои пахшкунандаи Bacillus subtilis дар динамикаи паст рафтани аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ нисбат ба туберкулин иборат мебошад, ки қаблан дар Тоҷикистон омӯхтаву таҳқиқ нашудааст.

Натиҷаҳои диссертатсия дар таъмини асоси илмӣ ва амалӣ барои пешгирӣ, ташхис ва назорати бемории сил дар ҳайвонот ва ба таври ғайримустақим ба инсон аҳамияти калон доранд.

Онҳо инчунин заминаи таълимӣ барои аспирантҳо, докторантон ва донишҷӯёни ихтисосҳои биологи ва ветеринарӣ хизмат мекунанд.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҷрибаҳои зиёди озмоишгоҳию истеҳсолӣ, таҳлили омори ветеринарӣ, нашри натиҷаҳои тадқиқот дар маҷалаҳои тақризшаванда ва маводди конференсияҳо тасдиқ шудаанд.

Тадқиқот дар хоҷагиҳои чорводории шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар байни ҳайвонот дар як маврид гузаронидани тадқиқоти аллергӣ, бактериологӣ ва тафриқавӣ бо мақсади муайян намудани намудҳои микобактерияҳо, инчунин пахш

намудани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ бо истифода аз бактерияи антагонист иборат мебошад.

Маълумоти бадастомада бо истифода аз усулҳои стандартӣ ва боэътимод дар соҳаи тибби ветеринарӣ таҳлил гардида, дақиқӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқотро таъмин менамояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки бемории сили чорво дар шакли энзоотӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ вомехӯрад ва дар мусбат арзёбӣ шудани ташхиси бодигармии чорво нисбат ба туберкулин нақши микобактерияҳои ғайрисилӣ калон аст. Ба ҳамин хотир, истифодаи штаммҳои Bacillus subtilis дар паст намудани фаъолнокии бактерияҳои ғайрисилӣ ва кам намудани миқдори ҳодисаҳои ғайрихоси бодигармӣ мусоидат менамояд.

Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфта, асоси воқеӣ ва боэътимод барои амалия ва пешгирии бемории сил мебошанд.

7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.

Саҳми шахсии довталаб дар кори диссертатсионӣ аз: гузаронидани санҷиши аллергенӣ бо истифодаи санҷиши симултанӣ; тадқиқоти бактериологии намунаҳои аз ҳайвоноти сироятёфта гирифташуда, ки ба туберкулин, аллергени маҷмуӣ аз микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) ва намунаҳои объектҳои муҳити беруна вокуниш нишон медиҳанд; тадқиқи хусусиятҳои парвардагӣ–морфологӣ, биологии микобактерияҳо, банақшагирӣ ва бевосита ба иҷро расондани тадқиқот ва таҳлили ҷамъбастии натиҷаҳои бадастоварда. Дар ниҳоят, тасвияи онҳо дар намуди мақолаҳои илмӣ ва асноди меъёриву техникӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба иҷро расонда шудаанд, асос ёфтааст.

8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Дар асоси маводи диссертатсионӣ 20 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз онҳо 5-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд, ба нашр расонда шудааст. Мақолаҳо дар маҷмӯаҳои конференсияву семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишор гардидаанд.

Ҳамзамон натиҷаҳои тадқиқот оид ба мавзуи диссертатсия дар чорабиниҳои зерин гузориш дода шудаанд:

- конференсияи илмии байналмилалӣ: «Мониторинги паҳншавӣ ва пешгирии бемориҳои бахусус хавфноки ҳайвоноту паранда» (Самарқанд, 2011);
- international Scientific Conference Veterinary Problems of Central Asia-Fool Security: The Use of Modern Ways of Diagnostics and Prophylaxis of Infectious Diseases of Animals. October 5-6, 2011, Dushanbe, Tajikistan;
- конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Инноватсия – асоси рушди хоҷагии деҳот» (Душанбе, 2014);
- конференсияҳои илмию амалии «Мушкилоти муосири пешгирӣ ва табобати бемориҳои ҳайвонот» (Душанбе, 2017);
- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: «Методҳои муосири

муборизa бо бемориҳои сироятӣ ва инвазионии ҳайвонот», Душанбе,31 июли 2018;

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: «Таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои босифат», Душанбе, 2019.

9. Арзёбии мундариҷаи рисола ва дараҷаи анҷомёбии он.

Сохтор ва ҳаҷми рисола

Рисолаи диссертатсионӣ тадқиқоти илмии мақсаднок буда, ба талаботҳои стандартии барои ноил шудан ба дараҷаи илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад. Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқот, дараҷаи омӯзиши мушкилоти илмӣ, объект ва мавзуи тадқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин навоварӣ ва аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор равшан ва пурра асоснок карда шудаанд.

Сохтор ва мундариҷаи рисола комилан мувофиқ ба мавзуи тадқиқот буда, натиҷаҳо пайдарҳам ва бо равиши мантиқӣ тартиб дода шудаанд. Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот пайваста иҷро гардида, натиҷаҳои асосӣ бо равиши илмӣ ва амалии ҳалли масъалаҳои тадқиқот таъмин карда шудаанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, баррасии адабиёт, тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ, таҳлили натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо ва замимаҳо ташкил ёфтааст.

Рисола чор бобро дар бар мегирад. **Боби аввал** баррасии васеи адабиётро дарбар гирифта, таҳлили 191 манбаъро инъикос менамояд. Дар ин боб маълумоти умумӣ дар хусуси микобактерияҳои ғайрисилӣ, манбаъҳои микобактерияҳои ғайрисилӣ ва роҳҳои сироятёбии ҳайвонот, ташхиси тафриқавии аксуламалҳои парааллергӣ ба туберкулин, таъсири Bacillus subtilis нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ, пробиотикҳо дар асоси бактерияҳои ҷинси Bacillus ва дигар масъалаҳои марбут ба ташхиси клиникӣ ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Ин равиш дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот ва навоварии илмии рисоларо таъмин мекунад.

Дар боби дуюм методология ва маводи тадқиқотӣ ба таври муфассал пешниҳод шудааст. Муаллиф ҳам усулҳои маъмул маҷмӯи усулҳои истифодашуда, аз ҷумла санҷиши аллергии симултанӣ, сирояткунии таҷрибавӣ бо штаммҳои маҳаллии микобактерияҳои ғайрисилӣ, таҳлили клиникӣ-патологоанатомӣ ва арзёбии фаъолияти пробиотикҳо — имкон фароҳам оварданд, ки хусусиятҳои сенсибилизатсионии микобактерияҳои ғайрисилӣ дар шароити Тоҷикистон бо эътимоднокии баланд муайян карда шаванд. Ин боб заминаи устувор барои иҷрои тадқиқоти амалӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо фароҳам меорад.

Дар боби сеюм натиҷаҳои муҳими тадқиқоти соҳавӣ пешниҳод шудаанд. Тадқиқи чорвои калони шохдор оид ба мавҷудияти

микобактериозҳо дар хоҷагиҳои аз нигоҳи бемории сил мусоид, таҳлили вазъи эпидемиологӣ оид ба бемории сили одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташхиси тафриқавии аксуламали ғайрихоси туберкулинӣ дар чорвои калони шохдори хоҷагиҳои нисбат ба бемории сил мусоид, омӯзиши хусусиятҳои иллатангезӣ ва ҳассосгардонандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ азон ҷумла, таҷрибаҳо дар хукчаҳои баҳрӣ, таҷрибаҳо дар харгӯшҳо, таҷрибаҳо дар гӯсолаҳо, фаъолнокии бактерияи антагонист нисбат ба микобактерияи сил ва ғайрисилӣ, таҳияи нақшаи ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор, тадқиқи таъсири антагонистии ҳайлҳои пробиотики лаксубтил ба микобактерияҳои ғайрисилии гурӯҳи чоруми Ранон, омӯзиши таъсири фурунишондиҳии пробиотики лаксубтил ва субтилбен ба зоҳирёбии аксуламалҳои аллергии ғайрихоси туберкулин, ҳамчунин аҳаммияти иҷтимоии беморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, таъсири он ба соҳаи чорводорӣ ва саломатии инсон ба таври илмӣ арзёбӣ шудааст.

Дар боби чорум натиҷаҳои истифодаи санҷиши фаврии симултанӣ ҳангоми ташхиси сили чорвои калони шохдор бо истифода аз СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ мавриди истифода қарор дода шудааст. Тадқиқоти гузаронда доир ба тафриқасозии аксуламалҳои параллергии туберкулинӣ дар хоҷагиҳои мусоид бо ёрии санҷиши симултанӣ СХТ-туберкулини ширхӯрон ва АММҒ нишон доданд, ки ин санҷиш дар хоҷагиҳо бо манзараи ғайрихоси сенсибилизатсияшавӣ натиҷаи боварибахш медиҳад, ки ин ба мусоидии онҳо нисбат ба сил ишора мекунад.

Самти нави тадқиқот омӯзиши таъсири пробиотикҳо, аз ҷумла Bacillus subtilis нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ мебошад. Bacillus subtilis бо ҳосил кардани моддаҳои антибиотикӣ ва фаъолкунии масунияти ҳайвонот қобилияти пахш кардани рушди микобактерияҳои иллатзоро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пробиотикҳои субтилбен дар шакли хока, ғуррӯша ва ҳаб ва пробиотики лаксубтил дар шакли суспензия ва ҳаб дар асоси штаммҳои Bac. subtilis BS TJ 09, BS TJ Д 24 ва BS TJ Д 26 тайёр карда мешаванд. Ин пробиотикҳо нисбат ба парвардаҳои санҷишӣ қобилияти баланди зиддимикробӣ (бактериостатӣ ва бактериосидӣ) нишон доданд.

Хулоса ҳамаи бобҳо мутаносиб ва пайдарҳам буда, ҳам ҷиҳатҳои назариявӣ ва ҳам амалии тадқиқоти бемории силро фаро мегиранд. Сохтор ва мундариҷаи рисола ба мавзуи тадқиқот пурра мувофиқ буда, натиҷаҳо асоснок, дақиқ ва эътимоднок мебошанд. Ин рисола як тадқиқоти илмии мақсаднок аст, ки талаботи пурраи диссертатсионӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмиро иҷро кардааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз 19 ҷадвал, 11 расм ва 10 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 191 манбаъро дар бар мегирад, ки 128-тои он бо забони русӣ ва 63-тоаш бо забони хориҷӣ мебошанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, баррасии адабиёт, тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ, таҳлили натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо ташкил ёфтааст.

Дар замима ҳуҷҷатҳое пешниҳод шудаанд, ки аҳаммияти илмӣ, арзиши амалӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунанд.

Мундариҷаи рисола дараҷаи баланди анҷомёбии тадқиқотро нишон медиҳад. Ҳамаи вазифаҳои муайяншуда пурра иҷро гардида, натиҷаҳо тибқи талабот ва мантиқан пешниҳод шудаанд. Хулосаҳо бо далелҳои бадастомада асоснок шуда, ба натиҷаҳои тадқиқот мутобиқат мекунанд.

Сохтори кор ба талаботи «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷавобгӯй буда, тарҳрезӣ ва муҳтавои он ба стандартҳои академии муқарраргардида комилан мувофиқат мекунад.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тарҳрезии рисола пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Кор саҳифабандӣ шуда, матн ба тартиб баён гардидааст, расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, феҳристи адабиёт ба стандартҳо мувофиқат менамояд.

11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Салоҳияти илмии Исвалиев Сино Мирзоназарович пурра ба талаботи додани дараҷаи илмии номзади илми ветеринарӣ ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Бо дарназардошти он ки тадқиқоти диссертатсионии номзад ба меъёрҳои навоварии илмӣ мувофиқ мебошад, муаллиф барои дастгирӣ арзанда мебошад. Дар рисолаи мазкур усулҳо ва методологияҳое пешниҳод шудаанд, ки ба рушди соҳаи чорводорӣ, тибби ветеринарӣ ва пешгирии аҳолӣ аз сироятёбӣ мусоидат менамоянд.

Рисола аз асоси методологӣ қонеъкунанда, аҳаммияти амалии баланд бархурдор аст, ки бо интишороти муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада тасдиқ мегардад.

Натиҷаи рисолаи мазкур баҳои мусбати мутахассисон ва коршиносони соҳаро соҳиб гардидааст.

12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.

Бо вуҷуди ҳаҷм ва аҳаммияти тадқиқот, баъзе нуқтаҳои пешниҳодшуда ба ҳимоя умумӣ ва каме норавшан баён шудаанд, ки арзиши кори тадқиқотиро коҳиш намедиҳанд:

1. Дар диссертатсия маълумотҳои зиёди оморӣ оид ба васеияти паҳншавии бемории сил чӣ дар байни чорво ва чӣ дар байни одамон дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ оварда шудааст, ки ба фикри мо аз меъёри фарогирии объекти тадқиқот, ки асосан шаҳру ноҳияҳои тобеи марказро дар бар мегирад зиёд аст.

2. Омилҳои изтиробӣ, ғизодиҳӣ, серодамӣ ва шароити назофотию бехдоштӣ ба инкишофи сил таъсир доранд. Аммо ин омилҳо дар кор пурра шарҳ дода нашудаанд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, бартариҳои асосии кори рисола, навоварии он, аҳаммияти илмӣ ва амалии рисоларо коҳиш намедиҳанд.

13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи: «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ иҷро шуда, аз рӯйи мундариҷа ба талаботи мавҷуда мувофиқат мекунад.

Рисола ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи рисола ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби ба дараҷаҳои илмӣ ноил шудан, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, таҳия шудааст.

Тақриз аз ҷониби мудири озмоишгоҳи ташхиси бемориҳои вируси парандаи Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология (ИМАББ) омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи озмоишгоҳи ташхиси бемориҳои вируси парандаи Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ, протоколи №4 аз 18.06.2026, баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 6 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор 6 нафар, зид ва бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири озмоишгоҳи ташхиси бемориҳои вируси паранда ИМАББ, н.и.в. Тоҳирзода А.А.

Эксперт:
Шуъбаи биотехнология ва истеҳсоли маводи ветеренарӣ ИМАББ, н.и.в. Насруллоев И.Х.

Котиби илмии ҷаласа:
Ходими пешбари илмии озмоишгоҳи ташхиси бемориҳои вируси паранда ИМАББ, н.и.в. Мамадатохонова Г.Н.

Имзоҳои Насруллоев И.Х. ва Мамадатохонова Г.Н.- ро тасдик мекунам:
Сармутахасис оид ба кадр Нурова Г.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроғаи муассисаи пешбар:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Гипрозем 61, тел: 2378842479; E-mail: bavtor@mail.ru

22 июни соли 2026